ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф., дотсент
________Назар М.А.
«14» сентябри с. 2023

**Хулосаи**

**Шурои олимони (семинари) Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиология аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Рисолаи диссертатсионии «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» дар ҷаласаи васеи Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласа аз 29.08..2023, № 7 муҳокима карда шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Дар марҳилаи таҳияи диссертатсия Солиҳов Саймурод Тағоймуродович аспиранти шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ фаъолият дошт. Ҳамзамон ӯ имрӯз ба сифати омӯзгори калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият менамояд.

Роҳбари илмӣ – Қаҳоров Ғаюр Ғафорович, доктори илмҳои фалсафа мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмии «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» Шурои илмӣ хулосаи зеринро қабул намуд:

Мавзӯи таҳқиқотии Солиҳов Саймурод Тағоймуродович «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» яке аз мавзуҳои мубрам ва таҳқиқнашуда дар илми сотсиологияи ватанӣ мебошад. Инчунин диссертатсияи таҳиянамудаи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба ихтисоси 22.00.04 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ тайи солҳои 2019 – 2023 дар Шӯъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ дар доираи мавзӯи «Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон: ҳолат, омилҳои рушд ва дурнамо» анҷом дода шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ.**

Бо гузариш ба низоми нави ҷамъиятӣ муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ низ тағйир ёфтанд ва натиҷаи он ба омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бетаъсир намонда, ҳамзамон идоракунии самараноки ҷамъиятро дар асоси дидгоҳи нави илмӣ ба миён гузошт. Дар натиҷаи тағйирёбии ҷамъият ниҳодҳо ва сохторҳои наве ба вуҷуд омаданд, ки онҳо ба раванди иҷтимоишавии шахс таъсир муҳим гузоштанд. Хусусияти хоси иҷтимоишавии шахс дар фазои пасошӯравӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ба дигаргуншавии муҳити сохтори оила, сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, паҳншавии меъёрҳои анъанавии рафтор, сатҳу сифати маориф, ба тамоюли худмуайянкунии иҷтимоии насли наврас ва ҷавонон таъсири бевосита расониданд.

Махсусан дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, вазъияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ низ куллан тағйир ёфт, ки он аз миқдори даромад, тарзи ҳаёт, дастрасии таҳсилоти босифат, усулҳои бо кортаъминкунӣ ва тайёрии насли наврас ба ҳаёти мустақилона вобаста мебошад.

Омилҳои зикргардида дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон чӣ ба ҷараёнҳои иҷтимоишавию ташаккулёбии ҷавонон ва чӣ ба шахсони алоҳида дар умум таъсирбахш мебошанд. Амалан низоми қаблии арзишҳо тағйир ёфтанд, вале низоми нави арзишҳо ҳоло дар раванди ташаккулёбӣ қарор дошта, барои самти худмуайянкунии ҷавонон дар шароити муосир нақши муайян мебозанд.

Муҳити оилавӣ низ то қадри имкон ба худмуайянкунии ҷавонон ва воридшавии онҳо ба ҳаётӯ фаъолияти мустақилона дар шароити бозори меҳнат таъсирбахш аст. Махсусан, боғчаи кӯдакон, интихоби дӯстон, давраи мактабӣ, раванди донишҷӯӣ чун раванди иҷтимоишавии шахс, омилҳои муассири ҳаёти инсонӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар натиҷаи тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ, дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаи маориф ба амал омаданд. Аз ҳамин нуқтаи назар маориф яке аз ниҳодҳои асосии иҷтимоӣ мебошад, ки дар шароити тағйирёбии ҷомеа барои инкишофи он нақши муҳим мебозад. Низоми маориф сифатан ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарин дар инкишофи иқтисодиёт дар шароити муосири ҷамъият ба ҳисоб рафта, дар раванди иҷтимоишавии шахс, дар сатҳи муайян хусусияти идорашавандаро мегирад.

Дар ҷомеаи Тоҷикистон моҳияти нишондиҳандаҳои тамоюли иҷтимоии ҷавонон дигаргун шуда, дар навбати худ вобаста ба намудҳои

касбу кор ва ихтисосҳо тағйир ёфтаанд. Тарбияи меҳнатӣ дар баробари маориф, дар раванди ташаккулёбии тамоюлоти иҷтимоӣ ва мутобиқгардии насли наврас ба шароити иқтисоди бозаргонӣ нақши амиқ мебозад. Бинобар ин, тарбияи меҳнатӣ дар баробари маърифати оилаҳо чун муҳимтарин омил ва шарти омоданамоии насли наврас ба ҳаёти мустақилона мебошад.

Бинобар ҳамин ҳам тағйиротҳои дар ҷомеа ба амал омада, боиси тезутундгардии мушкилоти иҷтимоӣ аз қабили: афзоиши бекорӣ, сатҳи пасти маош, нафақа, ба табақаҳои мухталиф тақсимшавии ҷамъият, дастнорасии маводи ғизоӣ ва маҳсулоти лавозимоти аввалия дар байни баъзе гуруҳҳои иҷтимоӣ гардид. Дар маҷмуъ ин масъалаҳо боиси нигаронии табақаҳои иҷтимоии ҷамъият мегарданд. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои иҷтимоӣ, омилҳои объективию субъективӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои иҷтимоишавии шахс масъалаи мубрам маҳсуб мешавад.

Омилҳои объективӣ ва субъективӣ танҳо имкониятҳои каҷрафториро муайян менамоянд, аммо сабабҳои мунтазами он намебошанд. Мубаддалгардии имконият ба ҳақиқат тавассути амалҳо ва рафтори инсонҳо таносубан омилҳои мушаххас буда, дар сатҳи микромуҳит аён мегарданд: оила, муҳити иҷтимоӣ, дастрасии таҳсилоти сифатнок, самтҳои худмуайянкунии ҷавонон дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҷомеа мушкилоти иҷтимоӣ назаррас аст.

Аз ин нуқтаи назар, ҷой ва нақши маориф ва тарбияи меҳнатӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ба самти интихоби арзишии ҷавонон вобаста буда, дар ҳалли самараноки мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла сиёсати давлатии ҷавонон таъсири мусбат мерасонад. Дар маҷмуъ, масъалаҳои зикр гардида, муҳим будани мавзӯи кори диссертатсиониро мушаххас менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар натиҷаи татбиқи равиши консептуалии таҳқиқот муайян карда шуд, ки иҷтимоишавии шахс дар давраи дигаргуншавии ҷомеаи Тоҷикистон дорои хусусиятҳои зеринмебошад:

- муайян карда шуд, ки хусусиятҳои иҷтимоишавии шахс, тамоюлва худмуайянкунии насли наврас дар ҷомеаи Тоҷикистон ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии ҳаёти гуруҳҳои иҷтимоӣ ва табақаҳои аҳолӣ алоқаманд аст. Онҳо дар шакли нобаробарии иҷтимоӣ зоҳир шуда, ба раванди мутобиқшавии ҷавонон дар ҷомеа таъсир мерасонанд;

- ошкор гардид, ки раванди иҷтимоишавии шахс дар стратегияи иқтисоди бозаргонӣ хусусияти миллии худро дорад: меъёрҳои анъанавии

рафтор дар муносибатҳои оилавӣ, тарзи зиндагӣ, урфу одат, интихоби касбу ҳунар, худмуайянкунии ҳаёти шахсии ҷавонон ва ғайраҳо;

- муайян гардид, ки ба раванди иҷтимоишавии ҷавонон муҳити иҷтимоӣ, бахусус хонавода, муносибатҳои оилавӣ, мактаби таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳ, маҳфили дӯстон, муносибатҳои онҳо таъсир мерасонанд. Хусусияти ин раванд ба тағйир додани меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба рафтори одамон, таносубҳои онҳо, худтанзимнамоӣ, худназораткунӣ ва тамоюли иртиботӣ бо дигар амалҳои субъективӣ вобаста ба вазифаи иҷрокарда ва мақоми ишғолкардаи онҳо таъсиррасон аст;

- ошкор карда шуд, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон ба раванди ташаккули иҷтимоишавии шахс, паст будани сифати таълим ва номувофиқ будани он бо бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонад, ки нишондиҳандаи он сатҳи пасти шуғли ҷавонон дар истеҳсолот мебошад;

- маълум гардид, ки дар рафти гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҷавонон аз ҷиҳати назариявӣ барои зуҳуроти худ, инкишофи қобилияти худ дар соҳаи меҳнат ва фаъолияти соҳибкорӣ имкониятҳои бештар пайдо кардаанд. Амалан барои бо кор таъмин кардани ҷавонон дар шароити иқтисоди бозорӣ монеаҳои муайяне ба амал меоянд; ба монанди маҳалчигӣ, сифати пасти таълим, ба талаботи иқтисоди бозаргонӣ номувофиқ будани шаклҳои таҳсилот, робитаҳои хешутаборӣ;

- муайян карда шуд, ки барои ҳалли масъалаи шуғли ҷавонон рушди соҳибкории хурду миёна, ташкили биржаи меҳнат, такмили маҳорати касбӣ зарур аст. Ин омилҳо натанҳо ба мутобиқшавии шахс дар шароити нав мусоидат мекунанд, балки ба раванди иҷтимоишавӣ ва ташаккули шахс ёрирасон ба ҳисоб меравнад.

Мушкилоти мавҷуда, ки бо доираи васеи масъалаҳо пайвастаанд, тавассути фаъолияти меҳнатӣ ба раванди иҷтимоишавии шахс монеаҳо ба вуҷуд меоваранд.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:**

1. Роҷеъ ба консепсияи дар боло зикргардида оид ба иҷтимоишавии шахс, қайд мекунем, ки яке аз меъёрҳои асосии мувозинати устувор дар ҷомеа нигоҳ доштани нерӯи инсонӣ мебошад, ки он ташкилдиҳандаи низоми иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Натанҳо таъмини такрористеҳсолкунии аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ, ҳадди ақали музди меҳнат, тандурустии одамон дар назар аст, балки бояд ба инобат гирифт, ки муҳайё намуданишароити мусоид барои рушди шахсии ҷавонономиле мебошад, киимкониятҳои бомуваффақияти иҷтимоишавии онҳороҳамчун омили муҳимтарини рушди муътадили ҷамъият ва устувории он таъмин мекунад.

2.Проблемаи иҷтимоишавии шахс яке аз масъалаҳои мубрам дар илми сотсиология буда, механизмҳои аз насл ба насл интиқолдиҳии

таҷрибаивуҷуддошта ва таъсиррасони ҷомеа таносуби равандҳо ва ниҳодҳои ичтимоишавӣ бавуҷудовардаро меомӯзад. Хусусияти хоси таҳлили сотсиологии иҷтимоишавӣ аз муайян кардани хусусиятҳои иҷтимоӣ дар равандҳои мухталифи ҳамгироии шахсдар ҷамъият иборат мебошад. Хусусияти таҳқиқоти сотсиологииичтимоикунонии шахс бообъекти таҳқиқот «шахс-ҷомеа» алоқаманд аст.

3. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ низоми маориф ҳамчун низоми муҳимтарин дар дигаргунсозиҳои демократии ҷомеа ва таъмини раванди баробарии иҷтимоӣ нақш бозида, ба наслҳои нав интиқоли фарҳангва дигаргун сохтани вазифаҳо аз мавқеи ҷамъият бартарият дорад. Соҳаи маориф ба яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти кишварҳои пешрафтаи муосир табдил ёфта, раванди ҳамгироии шахсро дар ҷомеа таъмин менамоядва имкон медиҳад, ки раванди иҷтимоишавии шахс идорашаванда бошад.

4. Иҷтимоишавӣ инчунин хотираи таърихии инсониятро нигоҳ дошта, барои ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид шудани инсон, ташаккули сифатҳои шахсии ӯ мусоидат мекунад. Раванди иҷтимоишавӣ аз кӯдакӣ оғоз шуда, дар пиронсолӣ анҷом меёбад. Ҳангоми иҷтимоишавӣ шахс нақшҳо, меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоии ҷомеаро, ки дар он ҳаёти ӯ ҷорӣ мегардад, аз худ мекунад. Бидуни иҷтимоишавӣ одамон комилан нобаробар мешаванд, рафтори онҳо идоранашаванда мегардад, он гоҳ дар ҷомеа зиддиятҳо ба амал меоянд.

5.Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки омили асосии мутобиқшавии ҷавононро дӯстони хуб, муҳити оилавӣ ташкил медиҳанд. Омилҳои дигар, аз қабили муҳити корӣ ва шароити иқтисодӣ, омилҳои муҳим барои мутобиқшавӣ дар муҳити иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Масаъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ангезаи муносибатҳои оилавӣ, сифати пасти таҳсилот ба иҷтимоишавии ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд.

6.Бо кор таъмин намудани ҷавонон низ яке аз омилҳои муҳими иҷтимоӣ буда, ба раванди иҷтимоишавии ҷавонон нақши муҳим мебозад. Бинобар ин, мусоҳибон роҳҳои ҳалли мушкилоти бекориро дар ташкили ҷойҳои нави корӣ, ташкили биржаи меҳнат ва дигар шаклҳои шуғл, такмили ихтисос, дастгирии соҳибкории хурд ва миёна нишон додаанд.

Нуктаҳои пешниҳодшуда барои ҳалли мушкилоти иҷтимоишавии ҷавонон дар шароити муосири ҷумҳурӣ аҳамияти аввалиндараҷа дошта, барои амалӣ гардондани рушди моддию маънавии аъзоёни ҷамъият кӯмак мерасонанд.

**Мақсади асосии кор** муайян кардани хусусиятҳои иҷтимоишавӣ дар давраи тағйироти ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- муайян кардани вобастагии иҷтимоишавии шахс аз табдили муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
- ошкор намудани таъсири муҳити иҷтимоӣ ба иҷтимоишавии шахс;
- ошкор намудани раванди иҷтимоишавии шахс дар муҳити оилавӣ;
- муайян намудани омилҳое, ки ба шуғли насли наврас дар давраи дигаргунсозииТоҷикистон таъсир мерасонанд;
- муайян кардани таъсири гуруҳҳои хурд ба раванди маълумот ва касбияти меҳнат;
- муайян намудани иҷтимоишавии шахс дар раванди тарбияи меҳнатии насли наврас.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаҳои он барои рушди илмҳои ҷомеашиносӣ мусоидат мекунанд. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои дигари соҳавии ҷамъиятӣ аҳамияти муҳим доранд.

Умуман таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада ба хулосаҳои таҳқиқ бо мувофиқати усулҳо ва методологияи интихобшуда, ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот, мувофиқати таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, равиши байнисоҳавӣ ба омӯзиши иҷтимоишавии шахс ҳамчун унсури иҷтимоӣ-фарҳангӣ таъмин карда мешаванд.

Азбаски раванди иҷтимоишавӣ аз давраи кӯдакӣ оғоз меёбад, бинобар ин волидон ва омӯзгоронро лозим меояд, ки ҳангоми интихоби касб шавқ ва маҳорату истеъдоди онҳоро ба назар гиранд. Вобаста ба ин, ташкилотҳои масъул бояд чунин шароиту имкониятҳои иҷтимоиро, ба монанди бо кор таъмин намудани ҷавонон, ихтисоси ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, моҳонае, ки талаботи моддӣ ва маънавии оиларо қонеъ карда метавонад, шароит фароҳам оваранд, ки фард дар оянда ҳамчун шахс ташаккул ёбад. Чунки рушду ташаккули ҳар як узви ҷомеа аз ин омилҳо вобаста аст.

Таҳлили диссертатсия, андешаҳо, нуктаҳои назари илмӣ, хулосаҳо, шарҳи мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои илмӣ, ки бевосита аз ҷониби худи муаллиф пешниҳод шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона анҷом дода шудааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он

Хулосаҳои асосии назариявӣ ва амалие, ки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои омӯзиши васеи масъалаҳои

иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи дигаргуншудаи тоҷикистонӣ, таҳияи минбаъдаи муқаррароти консептуалӣ ва назариявии таҳлили ин мушкилот истифода шаванд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро дар омоданамоии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмию педагогӣ ва дар кори мутахассисони соҳаҳои гуногуни донишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки бевосита ба омӯзиши масъалаи иҷтимоишавии шахс дар шароити иқтисоди бозоргонӣ машғуланд, метавон истифода кард.

Муқаррарот ва хулосаҳои муҳимтарини таҳқиқотро дар раванди таълими сотсиологияи шахс, дар таҳия ва мутолиаи курсҳои таълимӣ фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиологияи умумӣ ва дигар фанҳои ҷамъиятӣ ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода бурдан мумкин аст.

Автореферат ва маводи нашрнамудаи муаллиф ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мутобиқат дошта, хулосаи мушаххаси таҳқиқоти муаллиф оид ба мавзӯи мазкур мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд.

**Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия.** Интишороти илмии Солиҳов Саймурод Тағоймуродович ба матни таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда мувофиқ мебошад. Нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ, инчунин дар конференсияҳои илмии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ гузориш шудааст. Вобаста ба мавзӯи кори диссертатсионӣ 5 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида нашр шудааст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М]** Солиҳов, С.Т. Оила ҳамчун омили иҷтимоишавии шахсият /[Матн]/ С. Т. Солиҳов. / «Паём» - и ДСТР, Душанбе. – 2012, № 3 (38). С. 185-191.

**[2-М]** Солиҳов, С.Т. Раванди иҷтимоишавии шахсият дар шароити тағйирёбии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ / [Матн] / С.Т. Солиҳов / «Паём» - и ДДОТ баноми С. Айнӣ, Душанбе. – 2012, № 5 (48). С. 28-31.

**[3-М]** Солиҳов, С.Т. Шахсият дар натиҷаи иҷтимоишавӣ ва мушкилоти мутобиқшавии он / [Матн] / С.Т. Солиҳов / «Паём» - и ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Душанбе. – 2013, № 4 (53). С. 46-51.

**[4-M]** Солиҳов, С.Т. Мушкилот ва хусусиятҳои аввалияи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи Тоҷикистон / [Матн] / С.Т. Солиҳов / «Паём» - и ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Душанбе. – 2022, № 3 (7). С. 44-50.

**[5-M]** Қаҳоров Ғ. Ғ., Солиҳов, С.Т. Раванди иҷтимоишавии шахс дар шароити дигаргуншавии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ / [Матн] / С. Т. Солиҳов., С.Т., Ғ. Ғ. Қаҳоров. /«Ахбор» – и АМИТ, Душанбе – 2023, № 1, С. 39-45.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[6-M]** Солиҳов, С.Т. Нақши оила дар ташаккулёбии шахсият / [Матн] / С. Т. Солиҳов. / Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ дар мавзӯи «Бехатарии биологӣ: масъала ва роҳҳои ҳалли он», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, Душанбе. - 2013, қисми 2. С. 336-341.

**[7-M]** Солиҳов, С.Т. Омилҳои пойдорию ташаккулёбии инсон чун шахсият / [Матн] / С.Т. Солиҳов. / Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣ», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, Душанбе.– 2014, С. 380-382.

**[8-M]** Солиҳов, С.Т. Ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон / [Матн] / С.Т. Солиҳов / Маҷмӯи мақолаҳо маводҳои конференсияи илмӣ – назариявӣ ва амалӣ дар мавзӯи «Ҷавонон таҳиягари рушди технологияҳои инноватсионӣ» бахшида ба «Рӯзи Президент», «Соли Ҷавонон» ва 25 – солагии Иҷлосияи XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2017. С.85.

**[9-M]** Солиҳов С.Т. Низоми маориф ҳамчун омили иҷтимоишавӣ / [Матн] / С.Т. Солиҳов / Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи»Саноатикунонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд». Душанбе. – 2021. С. 194-199.

**[10-M]** Солиҳов, С.Т. Омилҳои устувори иҷтимоишавӣ / [Матн] / С.Т. Солиҳов / Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд». Душанбе. – 2021. С. 185-193.

**[11-M]** Солиҳов, С.Т. Раванди иҷтимоишавӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон / [Матн] / С.Т. Солиҳов / Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд». Душанбе. – 2021. С. 180-184.

**[12-M]** Солиҳов, С.Т. Сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар / [Матн] / С. Т. Солиҳов / Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илми-назариявӣ дар мавзӯи «Заминаҳои асосии рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: масъала ва роҳҳои ҳалли он». Душанбе. – 2021. С.76-77.

**[13-M]** Солиҳов, С.Т Нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватанпарастии ҷавонони

кишвар / [Матн] / С. Т. Солиҳов / Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Сиёсати аграрӣ: устуворӣ ва рақобатпазирӣ». Душанбе. – 2023. С. 169-178.

**Ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Солиҳов Саймурод Тағоймуродович пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро онҳо натиҷаҳои мустақилона бадастовардаи муаллиф буда, барои рушду инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ ва соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунанд.

Дар умум таҳқиқоти диссертатсионии Солиҳов Саймурод Тағоймуродович ба талаботи бандҳои 31, 33- 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудаст, мувофиқат менамояд. Зеро ҳангоми баррасии матни диссертатсия маълум гардид, ки ба талаботи муқарраргардида пурра ҷавобгӯ аст. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ҳамзамон натиҷаҳои он барои рушди илмҳои ҷамъиятӣ аҳамияти хеле муҳим доранд.

Илова бар ин, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода гарданд. Маводи диссертатсия дар раванди таълими курсҳои махсус оид ба масъалаи иҷтимоишавӣ ва равандҳои иҷтимоии муосир дар ҷомеаи Тоҷикистон, дар илмҳои ҷамъиятӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиологияи умумӣ, психология ва ба монанди инҳо равона карда шудааст, ки амали мазкур ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, Солиҳов Саймурод Тағоймуродович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиология аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои болозикр, Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардида пурра ҷавобгӯ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ сазовор аст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи

тағйирёбандаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ тавсия карда шавад.

Аз 33 аъзои Шурои олимон дар Маҷлиси Шурои олимон 27 нафар иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор -"27" нафар, "зид" нест, "бетараф" нест,. Суратҷаласа аз "29" августи соли 2023, №7.

Раиси Ҷаласа:
Раиси Шурои олимон,
директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф., дотсент ____ Назар М.А.

Котиби ҷаласа:
Котиби илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, н.и.ф. ____ Саидҷафарова П.Ш.

Муқарризи №1
Ходими калони илмии
Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои
байналмилалии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, н.и.с. ____ Сангинов Н.Н.

Имзоҳои Назар М.А., П.Ш. Саидҷафарова ва Сангинов Н.Н.- ро тасдиқ мекунам
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ ____ Шозедов Х.

Муқарризи №2
Муовини сардори Раёсати
таҳлили масъалаҳои иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и. сотс. ____ Назирова М.Н.

Имзои Назирова М.Н. - ро тасдиқ мекунам
Мудири Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ____ Шодиева З.

«14» 09 соли 2023